**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA.018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Икишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Душанбе, 2025)**

Институти никоҳ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ ва василаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, дорои аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоие, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ, махсусан дар давраи шуравӣ ва давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастаанд, ба моҳият ва низоми танзими ҳуқуқии никоҳ таъсири амиқ расониданд. Омӯзиши ин раванд, махсусан таҳаввули назариявию ҳуқуқии институти никоҳ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ ва ташаккули минбаъдаи он дар ҳуқуқи миллӣ, барои дарки амиқи асосҳои ҳуқуқии никоҳ ва таҳияи сиёсатҳои ҳуқуқии муосир дар соҳаи оиладорӣ дорои аҳамияти хоса мебошад.

Дар шароити муосири таҳаввулоти иҷтимоӣ, афзудани мизони ҷудошавии оилаҳо, тағйири арзишҳои анъанавӣ ва зуҳури масъалаҳои нав дар танзими муносибатҳои никоҳ, омӯзиши амиқи заминаҳои таърихию назариявии ин институт зарур ва саривақтӣ мебошад. Аз ин

ҷост, ки таҳқиқи масъалаи мазкур на танҳо аз нигоҳи илмӣ, балки дар амалияи ҳуқуқгузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ аҳамияти хоса касб менамояд.

**Навовариҳои илмии тадқиқот:** Тадқиқоти мазкур бо як қатор навовариҳои илмӣ фарқ мекунад, ки дар он:

- Бори аввал асосҳои назариявӣ ва методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ ба таври мукаммал таҳлил ва арзёбӣ гардидааст;
- Анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқие, ки ба ташаккули институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ таъсир расонидаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;
- Тағйироти қонунгузории никоҳ дар давраи шуравӣ ва пасошуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳлил гардида, робитаи он бо сиёсатҳои ҳуқуқии давлат муайян шудааст;
- Таҳаввули мафҳум ва моҳияти иҷтимоии никоҳ дар заминаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ гардидааст;
- Вазъи ҳуқуқии тарафҳои акди никоҳ ва механизмҳои бастану бекор кардани он дар давраҳои мухталиф мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифтаанд;
- Пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории соҳаи никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва асоснок карда шудаанд.

Ин навовариҳо метавонанд заминаи илмии боэътимод барои ислоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳаи оила ва никоҳ ва таҳкими сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кишвар гарданд.

Навгонӣ ё навовариҳои илмии ин таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди таҳқиқ масъалаи институти никоҳ бо

такя ба таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар даврони Тоҷикистони шуравӣ омӯхта шуда, роҳҳои татбиқи онҳо дар шароити муосир пешниҳод шудаанд. Дар заминаи таҳлили қонунгузории шуравӣ ва муосир, мафҳумҳои асосии никоҳ, ба мисли «тарафҳо», «ҳамсарон», «шахсони хоҳишманди бастани никоҳ» ва дигар мафҳумҳои наздик аз нигоҳи ҳуқуқӣ дида баромада шудаанд. Ҳамчунин, як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мавҷуда ироа гардидааст, ки барои такмили низоми ҳуқуқии никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Навгонии дигари муҳим он аст, ки ин тадқиқот яке аз аввалин корҳои илмии мукаммалу ҳамаҷонибаест, ки институти никоҳро дар доираи низоми ҳуқуқии даврони шуравӣ ва ҳуқуқи муосири миллӣ таҳлил менамояд. Дар сатҳи таҳқиқоти маҷмуӣ барои аввалин бор таҳлили таърихию ҳуқуқӣ ва назариявию ҳуқуқии мафҳуму категорияҳои калидӣ, ба монанди «марду зан», «никоҳшавандагон», ва «шахсони дар никоҳ қарордошта» анҷом дода шудааст.

Ин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои танзими ҳуқуқии муассири ин мафҳумҳо ва муайянсозии моҳияти ягонаи ҳуқуқии онҳо ниёз ба равиши нав ва илман асосёфта вуҷуд дорад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмие, ки дар диссертатсия пешниҳод мегарданд, навгонии илмии таҳқиқотро нишон дода, самаранокии ҳалли масъалаҳои гузошташударо таъкид менамоянд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои таҳия ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи оиладорӣ ва никоҳ заминаи илмӣ фароҳам меоранд. Дар партави таҳлили сохтор ва мазмуни қонунгузории никоҳии давраи шуравӣ, масъалаҳои амалӣ ва назариявии танзими

ҳуқуқии муносибатҳои никоҳӣ равшан гардида, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, аз ҷумла Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода шудаанд.

Таҳқиқоти мазкур ба́ равшансозии иртиботи байни анъанаҳои ҳуқуқии миллӣ, таҷрибаи ҳуқуқии шуравӣ ва талаботи замони муосир равона шудааст. Ҳамин тавр, бо истифода аз усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ, муаллиф тавонистааст холигоҳҳои мавҷударо дар танзими ҳуқуқии институти никоҳ муайян намуда, пешниҳодҳои асосноки илмӣ барои ислоҳоти минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқии кишвар ироа намояд.

Дар маҷмуъ, навгонии илмии диссертатсия дар таҳлили амиқи равандҳои ташаккул ва инкишофи институти никоҳ, муайянсозии мушкилоти амалкунанда ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо зоҳир мегардад. Ин тадқиқот метавонад ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ва низомҳои ҳуқуқии муқоисавӣ хизмат намояд.

Гарчанде ки, таҳқиқоти мазкур бо натиҷаҳои арзишманд ва пешниҳодҳои муҳим тавсиф меёбад, он комилан бе камбудӣ нест. Чунончӣ:

1. Унвонҷӯ дар банди сеюми тавссияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод менамояд, ки дар Тоҷикистон санадҳои зерқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавии дахлдор ҷиҳати татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шаванд. Дар танзими муносибатҳои никоҳу оила ва меърос чи гуна санадҳои зериқонуниро қабул намудан мумкин аст, ва механизми амалӣ намудани онҳо бояд чи гуна бошанд.

2. Дар ҳамин радиф пешниҳод намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд «Стратегияи давлатии рушди никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия ва қабул карда шавад. Ӯ ба сифати асос пешгирии омилҳои хатарафзо дар самти никоҳ ва дурнамои рушди институти никоҳ дар кишварро қайд намудааст. Пурсида мешавад, ки оё бо қабул намудани Стратегия пеши роҳи чунин омилҳои хатарафзоро гирифтан мумкин аст? Агар пешниҳодҳои мушаххас дар ин самт дошта бошанд, ҳангоми ҳимояи ошкорои рисолаи диссертатсионӣ манзур намоянд.

Эродҳои ба сатҳи баланди илмӣ ва арзиши таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Бо вуҷуди ин, дар таклифҳо ва тавсияҳои мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид буда метавонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқикро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсия ва автореферати Файззода Моҳинав Раҷаб ба талаботи банди 31 ва 33-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад. Ин диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навоварии илмӣ, нуқтаҳои муҳим ва пешниҳодҳои амалие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ ва амалӣ саҳми

шахсии муаллифро исбот менамоянд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ низ ба саҳми шахсии муаллиф ишора мекунад.

Автореферат, ки дар асоси диссертатсия таҳия шудааст ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Файззода Моҳинав Раҷаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат
ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобокалон Ғ.М.

Имзои тақриздиҳанда Бобокалон Ғ.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори бахши кадрҳо
ва коргузорӣ Холализода А.С.

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ КАДРҲО

**Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. А. Адҳамов 13;**
**тел, факс (+992 37) 227 45 00; 227 36 37; (+992 37) 227 63 64**
**Суроғаи электронӣ: http://www.mmk.tj.**

19.09.2025